**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 09.01.2025, № 77

Барои сазовор донистани Ёрова Сабоҳат Нуровна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 1-уми ноябри соли 2024, суратмаҷлиси № 69 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ёрова Сабоҳат Нуровна 16-уми феврали соли 1975 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1997 факултаи забон ва адабиёти Шарқи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти ҳиндӣ ва тоҷикӣ хатм кардааст.

Солҳои 2011-2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуда, аз соли 2022 муаллими калони кафедраи мазкур мебошад.

Ёрова Сабоҳат Нуровна солҳои 2008-2015 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул шудааст..

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Раҷабов Ҳабибулло**.

**Муқарризони расмӣ: Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва **Зулфиев Гадомад Нурмадович,** номзади

илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзод» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Шамсов Нурмад Сироҷович., эксперт – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи тарҷума ва забонҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ Турсунов Ғолиб Абдусобирович ва котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт Боев Шавкат Элмуродович имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бӯрӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи «Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои «Нирмала» ва «Камомад»)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Ёрова, С.Н. Тасвири симои зан дар эҷодиёти Премчанд / С.Н. Ёрова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе,2010. – № 5 (61) – С. 362-366.

[2-М]. Ёрова, С.Н. Образи зан дар романи «Камомад»-и Премчанд / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/9 (185).– С. 258-262.

[3-М]. Ёрова, С.Н. Масъалаҳои асосии аввалин ҳикояҳои Премчанд / С.Н. Ёрова// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – № 4/1 (195) – С. 168-172.

[4-М]. Ёрова, С.Н. Премчанд – нависандаи инсондӯст / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 4.– С. 234-239.

[5-М]. Ёрова, С.Н. Тасвири масъалаҳои иҷтимоӣ дар романи «Камомад»-и Премчанд / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №3.– С. 213-218.

[6-М]. Ёрова, С.Н. Баъзе хусусиятҳои забони романи «Нирмала»-и Премчанд / С.Н. Ёрова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 7. – С. 111-117.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[7-М]. Ёрова, С.Н. Оид ба тарҷумаи асарҳои Премчанд ба забони тоҷикӣ / С.Н. Ёрова // Масоили мубрами филологияи Ҳинду Покистон. – Душанбе, 2011. – С. 72-75.

[8-М]. Ёрова, С.Н. Премчанд – асосгузори маҷаллаи «Қу» («Hans») / С.Н. Ёрова // Масоили мубрами филологияи Ҳинду Покистон. –Душанбе, 2015. – С. 111-114.

[9-М]. Ёрова, С.Н. Роҷеъ ба ду мактуби Премчанд ба ҳамсараш / С.Н. Ёрова // Масоили мубрами филологияи Ҳинду Покистон. –Душанбе, 2015. – С. 146-149 .

[10-М]. Ёрова, С.Н. «Нирмала» – беҳтарин романи Премчанд бахшида ба масоили зан / С.Н. Ёрова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «700- солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ», «Соли оила» ва «Даҳсолаи байналмиллалии об барои ҳаёт 2005-2015. –Душанбе, 2015. – С. 258-261.

[11-М]. Ёрова, С.Н. Омӯзиши Премчанд хориҷ аз Ҳиндустон / С.Н. Ёрова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Гароишҳои навин дар филологияи мамлакатҳои Осиё ва Аврупо». – Душанбе, 2018. – С. 53-57.

[12-М]. Ёрова, С.Н. Оид ба баъзе хусусиятҳои тарҷумаи романи «Нирмала»-и Премчанд ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ / С.Н. Ёрова // Маводи

конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Забоншиносии Шарқ ва Ғарб». – Душанбе, 2019. – С. 156-159.
[13-М]. Ёрова, С.Н. Бҳишма Саҳнӣ ва омӯзиши ӯ дар хориҷи Ҳиндустон / С.Н. Ёрова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Адабиёт ва замон». – Душанбе, 2020. – С. 276-281.
[14-М]. Ёрова, С.Н. Ҷойгоҳи романи «Камомад» («Gaban») дар эҷодиёти Премчанд / С.Н. Ёрова // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир». – Душанбе, 2021. – С. 169-173.
[15-М]. Ёрова, С.Н. Омӯзиши Премчанд дар Ҳиндустон ва Тоҷикистон / С.Н. Ёрова // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи»Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол». – Душанбе, 2024. – С. 263-267.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Элбоев Вафо Ҷурақулович** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант се эрод манзур шудааст:

1. Ба андешаи мо, агар образҳои таҳлилшуда бо образҳои ба ҳамин монанд дар адабиёти тоҷик муқоиса карда мешуд, боз ҳам ба манфиати кор мегардид.

2. Дар гунаи русии автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад (автореферат, с. 11, 23).

3. Саҳифагузории автореферат нодуруст сурат гирифтааст.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шарифзода Шариф Раҳмон** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Бо назардошти маъруфияти Премчанд ва рӯйи кор омадани таҳқиқоти зиёд доир ба осори ӯ, бахши «дараҷаи таҳқиқ»-и диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна пурра нест.

2. Автореферат аз ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва нагузоштани аломатҳои китобат орӣ нест (автореферат, с. 3, 4, 5, 7, 8, 10, 11, 14, 16, 17, 18, 21, 23).

3. Дар қисми аввали хулосаи автореферат омадааст, ки «сарнавишти ҳар як зан худ як мавзуи алоҳида, як қиссаи зиндагӣ мебошад. Баъзан аз ҷониби ашхоси инсондӯст ва дилсӯз чунин суханҳо садо медиҳанд, ки дар

бораи занҳои Ҳиндустон фақат ҳикоят кардан кам аст, балки онҳоро бо муҳаббат васфи бештаре карда, бахшида ба ин олиҳаи ҳусн сурудаҳо ва достонҳо навиштан лозим аст. Зеро танҳо мусиқӣ назокат, меҳрубонӣ, ширинсуханӣ, матонат, вафодорӣ ва зебоии мафтункунандаи онҳоро ифода карда метавонад. Ба ин суханҳо, ки бебаҳс, арзишманд будани занонро ифода мекунанд, албатта, касе шубҳа надорад» (автореферат, с. 23-24). Ҷумлаи аввал дар доираи услуби илмӣ навишта нашуда, ҷумлаҳои дигар низ таҳрирталабанд.

**3. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нуров Нуралӣ Норович**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиҳои автореферат ишора шудааст:

1. Бахши мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар муқаддимаи диссертатсия (автореферат) то андозае тӯлонӣ аст ва имкон дошт, ки матлабҳои он боз ҳам фишурдатар баён шаванд.

2. Имкон дошт, ки матлабҳои аслии таҳқиқот дар се боб ба таври пурра баррасӣ шаванд. Ба назари мо, шояд дар боби алоҳида ҷой додани дараҷаи омӯзиши зиндагинома ва мероси адабии Премчанд зарурате надорад, чун ба гунае дигар он ҷо такрори матлабҳои бахши «Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ»-и муқаддимаи диссертатсия ба назар мерасад. Дар ҳамин қисмати муқаддима ба таври комил баён намудани мавзуъ ба мақсад мувофиқ аст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат (саҳ. 5, 6 ва ғ.) иштибоҳоти имлоиву техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки тасҳеҳи онҳо ба нафъи кори муаллифи диссертатсия мебошад.

**4.** Дар **тақризи** доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Раҳмонов Шоҳзамон** барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ пешниҳод шудааст, ки «агар образҳои таҳлилшуда бо чунин образҳои ба ҳам монанд дар адабиёти тоҷик муқоиса карда мешуд, боз ҳам ба манфиати кор мегардид. Дар баробари ин, хуб мешуд, ки муаллифи рисола танҳо бо тасвири образи ҳамагӣ ду зан маҳдуд намешуд. Баррасии боз ду-се қаҳрамонзани асарҳои Премчанд аз аҳаммият орӣ набуд».

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва нававарии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Ёрова Сабоҳат Нуровна бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба таҳқиқи зиндагинома ва дараҷаи омӯзиши осори асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ – Премчанд пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- сарчашмаҳои кори таҳқиқӣ, аз ҷумла «51 ҳикояи бебаҳо» («51 Anmol kahaniyan» (2014), «Қасам» – романи иҷтимоӣ» («Pratigya – samajik upaniyas» (1963), «Премчанд. Маҷмуаи асарҳо» («Premchand. Rachna-sanchayan»(2015),»Нирмала-як қиссаи ғамангези зиндагӣ» («Nirmala-jivan ki ek karun kahani» (2017), «Нирмала» («Nirmala» (2019), «Ҳикояҳои беҳтарини Премчанд» («Premchand ki sarvashresth kahaniyan» (1966), «Паноҳгоҳ» («Premahram» (1991), «Камомад» («Gaban» (1964), «Майдони муҳориба» («Rangbhumi» (1955), «Hans» («Қу», маҷаллаи адабӣ-фарҳангӣ» (2006) дар асоси методҳои мушаххас **коркард шудаанд;**
- масъалаҳои марбут ба ҷараёни зиндагӣ ва муҳимтарин марҳилаҳои инкишофи шахсияти Премчанд **омӯхта шуда**, моҳият ва аҳаммияти асарҳои ӯ зимни таҳқиқ **баррасӣ ва муайян гардидаанд;**
- хусусиятҳои мавзуии таълифоти Премчанд **таҳқиқу баррасӣ гардида,** анъанаю навовариҳои адиб дар адабиёти ҳиндӣ **собит шудааст;**
- баррасии зиндагии Премчанд дар асоси осори мавҷудаи таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф **мушаххас карда шудааст;**
- ҳунари ҳикоянависӣ ва романофарии Премчанд, мавқеи ҳикоя ва роман дар эҷодиёти нависанда **таҳқиқу баррасӣ** гардида, **арзишу моҳияти** асосии онҳо дар адабиёти ҳиндӣ **собит шудааст;**
- хусусиятҳои мавзуӣ ва ғоявию бадеии романҳои «Нирмала» ва «Камомад» дар иртибот бо образи зан **муайян гардидаанд;**
- осори нависанда дар асоси назарияҳои адабӣ **ба доираи пажуҳиш фаро гирифта шуда,** мақоми Премчанд дар таърихи адабиёти ҳиндӣ ва ҳусну қубҳи романҳои «Нирмала» ва «Камомад» таъин гардидаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** натиҷаҳои он ба масъалаҳои камшинохти марбут ба образи занон дар асарҳои Премчанд равшанӣ андохта, дар омӯзиши романҳои «Нирмала» ва «Камомад»- и нависанда маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар омӯзишу арзёбии ҳунари образофарии Премчанд, ҷойгоҳи романҳои «Нирмала» ва «Камомад» дар эҷодиёти Премчанд, образи зан дар романҳои номбурда, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ, муҳтавою мундариҷаи роман

дар нимаи аввали асри XX судманд хоҳад буд. Аз натиҷаҳои таҳқику таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода кард.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар рисола фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ, мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти ҳиндӣ, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар таълими адабиёти ҳиндӣ дар асри XX ва назарияву амалияи наср дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ, мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла М. С. Имомзода, Ҳ. Раҷабов, Ҷ. Холов, Х. Асозода, Ҷ. Бақозода, М. Нурова, З. Раҳматуллоева, Ҳ. Қурбонов, Ш. Пӯлодова ва афкори назарии олимони хориҷӣ, аз ҷумла А. П. Баранников, В. М. Бесскровний, В. И. Балин, Е. П. Челишев, А. Д. Литман, И. Серебряков, Н.Д. Гаврюшина, Намвар Синҳ, Ҳансраҷ Раҳбар, Мадан Гопал, Камал Кишор Гоянка ва Амритрай ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас асосан аз методи муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардида, ҳамчунин, ба осори назарӣ, таҳқиқоти олимони замони шуравӣ ва муосири Тоҷикистон, Россия ва Ҳиндустон такя шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба таълифоти илмии ба масъалаҳои камшинохти марбут ба образи занон дар асарҳои Премчанд равшанӣ андохта, дар омӯзиши романҳои нависанда маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои таҳқиқот дар омӯзишу арзёбии ҳунари образофарии Премчанд, ҷойгоҳи ҳикоя ва роман дар эҷодиёти Премчанд, образи зан дар асарҳои адиб, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ ва мухтавою мундариҷаи роман дар нимаи аввали асри XX судманд хоҳад буд. Аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода кард.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои

таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва омӯзишу таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷӯстуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми шахсии ӯ дар ҷамъоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмӣ роҷеъ ба омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти адабии Премчанд ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои баррасии адабиёти ҳиндӣ мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносии ҳиндӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 9-уми январи соли 2025 дар бораи сазовор донистани Ёрова Сабоҳат Нуровна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 16 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомалаев И.Ҷ.

09.01.2025.